Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА 003
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак,
Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати Тоҷибоева Мавҷуда Негматовна дар мавзӯи: «Зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иқтисодӣ) пешниҳод гардидааст.**

Дар солҳои охир муҳоҷирати меҳнатӣ ба соҳаҳои ҳаётан муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонида, мисли дигар кишварҳои хориҷи дуру наздик, ба рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, демографӣ ва сиёсии мамлакат таъсири худро мерасонад ва дар ин ҳолат таҷрибаи байналхалқӣ нишон медиҳад, ки татбиқи сиёсати пайдарҳам ва самаранок дар ин самти афзалиятнок метавонад ба натиҷаҳои дилхоҳ оварад. Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, тибқи ҳадафҳои асосӣ дар автореферати диссертатсия масъалаҳои тамоюли афзоишёбандаи ҷараёнҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои муҳоҷирати аҳолии дохилидавлатӣ ва трендҳои асосии он, ошкор кардани сабабҳои баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ аз Федератсияи Русия, пешниҳоди тавсияҳо оид ба паст кардани ҷараёни муҳоҷират ва ҳалли душвориҳои муҳоҷирони меҳнатии баргашта асоснок карда шудаанд.

Дар автореферати диссертатсия коркарди таклифу пешниҳодҳо оид ба самаранок истифодаи қувваи корӣ дар бозори меҳнат ва беҳтар намудани вазъият дар ин самт ба роҳ монда шуда, хулоса ва тавсияҳо дар асосӣ таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ иҷро карда шудааст.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферати диссертатсия, инчунин камбудию норасогӣ низ дида мешавад.

1. .Дар расми 2 автореферат механизми идоракунии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ёфтааст. Бамаврид мебуд агар унвонҷӯ вазъи иқтисодиро низ ҳамчун инфрасохтори идоракуни ҳамроҳ мекард сифати автореферат боз хубтар мегардид.
2. Дар автореферати диссертатсия ҷадвалҳо бо нишондиҳандаҳои демографӣ кам ба назар мерасанд, беҳтар мешуд ин паҳлӯи масъала бештар мавриди таҳлил қарор мегирифт.

Эродҳои гуфташуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯро коҳиш намедиҳад ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор гуфта шудаанд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки автореферати диссертатсияи Тоҷибоева М.Н. дар мавзуи « Зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – "Иқтисодиёти нуфус ва демография" (илмҳои иқтисодӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – "Иқтисодиёти нуфус ва демография" (илмҳои иқтисодӣ) мебошад.

**Мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров",**
**д.и.и., дотсент** **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ д.и.и., дотсент Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров Наврӯзов Э.М.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru